«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. ____________
«02» майи соли 2025

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**
**ба диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» ба бандҳои 3-4-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Сужа ва образи бадеӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосии асари бадеӣ буда, миёни ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд. Таҳқиқи образи бадеӣ ҳамчун навъе аз воситаи инъикоси воқеият, ки ба сурати ҷузъӣ ё ҷомеъ манзараи ҳаёти инсонро дар бар гирифтааст, дар маърифати эстетикии адабиёт аз ҷумлаи равишҳои маъмулу писандида ҳисоб мешавад. Таҳқиқи ин масъала ба таври усулӣ аз ду ҷиҳат имконпазир аст: а) ба эътибор гирифтани халлоқияти адабии як эҷодкор ва б) ба назар гирифтани тасвири образҳои ҳамгун дар эҷодиёти якчанд адиб. Тасвири образи бадеӣ бо таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои ҳақиқию тахайюлӣ, ки ба он бастагӣ доранд, дар маҷмуъ, сужаи асари бадеиро ба миён меоваранд.

Таҳқиқи сужаи бадеӣ, мушаххасоти он ва образ таърихи дерина дошта, ҳанӯз дар асарҳои Аристотел ба онҳо таваҷҷуҳ шудааст. Минбаъд намояндагони ҳамаи мактабҳои адабӣ ба ин ду асли халлоқияти адабӣ

таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ин таҳқиқ масъалаи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик» (асрҳои X-XI) баррасӣ мешавад, ки аз диди равишҳои таҳқиқоти муосир дорои аҳаммияти маърифатӣ ва эстетикӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсия аз рӯи дараҷаи гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳод бо он асоснок мегардад, ки тамоми маводди дастраси замони подшоҳии Сосониён, бино ба таомули ҷорӣ дар пажӯҳишҳои фарҳанг ва таърихи империяи Сосониён, ба се марҳала тақсим шудааст: Марҳалаи оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳӣ (солҳои 205-379), марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Анӯшервон (379-579) ва марҳалаи таърихӣ, ки подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579- 654)-ро дар бар мегирад. Диссертант илова бар образи Бобак ва Сосон, образи 26 подшоҳ ва ду шаҳбону, инчунин, се нафари дигарро, ки ба тахти подшоҳӣ нишаста буданду дар суннати сиёсии Сосониён чун подшоҳ эътироф намешаванд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Навгонии диссертатсия**, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик аввалин таҳқиқи фарогир дар масъалаи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI) мебошад, ки дар он тақрибан яксаду ҳафтоду панҷ эпизод, ки ба рафтору кирдори зиёда аз ҳаштсад персонаж ва қаҳрамон вобастагӣ дорад, баррасӣ шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он мушаххас мешавад, ки масъалаҳои назарии матраҳ дар диссертатсия, баҳсҳои ҷузъҳои таркибии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар он паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро густариш дода, заминаи мусоидро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба таҳаввули сужа ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар асарҳои манзуму мансури адабию таърихии асримиёнагӣ фароҳам меоваранд. Натиҷаҳо ва равишҳои

пажӯҳишии мавриди назари муаллифро дар таҳқиқоти дигар образҳои бадеӣ дар пахнои адабиёт ҳам метавон истифода кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводди фароҳамомада дар диссертатсия ва хулосаю натиҷаҳо, ки ба даст омадаанд, метавонанд дар рафти таҳлилу таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои вобаста ба омӯзиши сужа ва образҳо, навиштани диссертатсияҳо дар мавзуъҳои ҳамгун мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводд ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои донишҷӯён аз фанни таърихи адабиёти форсу тоҷик метавонанд истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба мухтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2017-2024), аз ҷумла симпозиуми байналмилалии илмӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ (Душанбе, 9-10-уми октябри соли 2023), конференсияи ҷумҳуриявии «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023) ва конференсияҳои байналмилалии «Дастовардҳои илмииховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол» (Душанбе, 14-уми марти соли 2024), «Дурнамо ва тамоюлҳои журналистика, филология ва лингводидактика» (Душанбе, 24 октябри соли 2024), ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ» (Душанбе, 27-28-уми ноябри соли 2024) ва «Мақоми Мавлонои Балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ» (Бохтар, 13-14-уми декабри соли 2024) маърузаҳо пешниҳод кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи

мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант донист. Тибқи андешаи диссертант, баррасии таҳаввули сужаҳо ва образҳо имкон додааст, ҳақиқатеро пешниҳод кунад, ки хотираи таърихии халқҳои эронӣ, ки дар дарозои таърихи тақрибан дуҳазорсола шакл гирифтааст, ба сурати ҳофизаи ҷамъӣ зуҳур карда, боиси пайванди мардуми ориёитабор гардад. Дар диссертатсия ҳангоми баррасии сужаҳо эътиборе ба консепсияи меъёр (canon) дода шудааст ва дар чанд маврид таъкид карда мешавад, ки ин ё он сужа аз рӯйи қолабе, ки пештар будааст, нигошта шудааст.

Автореферати диссертатсия ва маводди интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 22 мақолаи нашршуда 16 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович бо истифода аз равишҳои ҷадиди таҳқиқ, ки дар адабпажӯҳии ҷаҳонӣ маъмул аст, бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ масъалаҳои вобаста ба таҳаввули сужа ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонони Сосониро дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст намояд.

Диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Бобҳои диссертатсия вобаста ба образҳои подшоҳон ба фаслҳо ва фаслҳо дар робита бо сужаҳо тасниф шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ,

тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 205-379)**» аз **шаш фасл** иборат аст. **Фасли якуми** боби аввали диссертатсия «**Сужа ва образҳои Сосон ва Бобак**» унвон дорад. Сосон, ки ба номи ӯ сулоларо ёд мекунанд, дар ҳама сарчашмаҳо ба гунаҳои гуногун зикр мешавад. Аз сарчашмаҳои қадимтар, шояд дар «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси, номи Сосон чун падари Ардашери Бобакон ду бор дучор меояд. Ишораи Мовсес Хорентаси дар бораи падари Ардашери Бобакон будани Сосон бо ривояти «Шоҳнома», «Ғурар»-и Саолибӣ ва «Корнома»-и Ардашери Бобакон ҳамоҳанг аст. Аммо муаллифони на ҳама сарчашмаҳо мулоҳизаи сарчашмаҳои болоиро ҷонибдорӣ мекунанд. «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ба далели пušт ба пушт пинҳон доштани насаби Сосони бобои Ардашерро аз авлоди Сосон писари Баҳмани Исфандиёр ба қалам додаанд. Вагарна ҳеҷ асосе намемонд, ки қиёми Ардашерро ба муқобили Ардавони V, подшоҳи вопасини Ашконӣ на чун қиёми волии Форс, балки чун икдоми бозгардонидани мулк ба «соҳибони ростини» вай тасвир кунанд. **Фасли дуюми боби якуми** диссертатсия «**Ардашери Бобакон ва сужаҳои вобаста ба шахсияти достонии ӯ**» ном дорад. Бобак дар аксари сарчашмаҳо, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-ю «Корнома», образи тақдирофар аст. Андешаи барқарор кардани шоҳаншоҳии Сосонӣ ғояи вай мебошад. Ӯ чун марзбони Форс тавонистааст, бе ситези ошкоро бо подшоҳони Ашконӣ заминае барои истиқлолияти марзбонӣ, сипас офаридани империяи сатҳи ҷаҳонӣ омода кунад. Дар ин бобат, бино ба маълумоти сарчашмаҳо ва бештари таҳқиқоти алоқаманд ба таърихи ташаккули империяи Сосонӣ, хидмат ва саҳми Бобакро метавон дар ду нукта таъкид кард. Дар таъкиди диссертант, нахуст, Бобак ба аъёни Форс шахси дорандаи хуни подшоҳиро дар симои Сосон талқин мекунад. Дигар, Бобак тавонист ба туфайли ба духтари худ хонадор кардани Сосон, подшоҳиро дар хонадони

худ нигоҳ дорад. Дар бахши дуюми ин фасл сужаҳои вобаста ба образи Ардашери Бобакон таҳқиқ шудааст. Ардашери Бобакон – поягузори шоҳаншоҳии Сосонӣ (224-651), бешубҳа, шахси таърихӣ мебошад. Ин номро, ба ибораи «касе, ки подшоҳияш бар пояи ростӣ ва адолат аст» маънидод мекунанд. **Фасли сеюми боби якуми** диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Ардашер**» ном дорад. Шопур ба рӯзи тоҷгузорӣ аз рӯйи оини подшоҳӣ анҷумани аъёнро баргузор менамояд, то бо «хутбаи тоҷгузорӣ» баромад кунад. Ба қавли диссертант, дар «Шоҳнома» бахши подшоҳии Шопур бо андарзи ӯ ба писараш Урмузд дар шаш байт, ки хусусияти анъанавӣ дорад, тамом мешавад. Аммо дар мероси адаби арабу мусулмонӣ аз Шопур низ подшоҳи соҳибтадбире сохтаанд, ки ба эҳтимоли қавӣ, маҳсули эҷодиёти бадеӣ мебошад. **Фасли чоруми боби якуми** диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Урмузди Шопур**» ном дорад. Урмузди Шопур сеюмин шоҳаншоҳи Сосонӣ мебошад, ки ба ривояти Фирдавсӣ, як солу ду моҳ подшоҳӣ кардааст. Ба таври анъана, қисса дар «Шоҳнома» аз зикри тоҷгузории Урмузд ва хутбаи ӯ дар анҷумани аъён ва акобири давлат оғоз меёбад. Дар ин хутба, аз рӯйи анаъана, пайгирии сиёсати одилона, пайравӣ аз сиёсати подшоҳии падар ва нуктаҳои дигар таъкид мешавад. Яке аз таъкидҳои ба назари муаллифи диссертатсия ҷолиби Урмузд он аст, ки подшоҳ бояд, ба истилоҳи имрӯза, аз мардуми бесалоҳият дурӣ ихтиёр кунад. Дар **фасли панҷуми боби якуми** диссертатсия **сужаҳои вобаста ба образҳои Баҳроми Урмузд, Баҳроми Нарсӣ, Баҳроми Баҳромиён, Нарсии Баҳром ва Урмузди Нарсӣ** таҳқиқ шудаанд. Подшоҳии Баҳроми Урмузд, ба қавли Табарӣ, се солу се моҳу се рӯз буд. Нуктаи ҷолибе, ки дар нигориши ҳаким Фирдавсӣ дар бахши Баҳроми Урмузд омадааст, - чуноне ки диссертант қайд мекунад, - ишора ба одати бастани миён дар сӯгворӣ мебошад. Ин одат баробари одати чил рӯз мотам гирифтан, ки дар «Шоҳнома» борҳо зикр шудааст, аз одатҳое мебошад, ки то имрӯз боқӣ мондааст. **Фасли охири боби якуми** диссертатсия ба таҳқиқи **сужаҳои вобаста ба образи Шопури Зулактоф** ихтисос дорад. Бахши подшоҳии Шопури Зулактоф, ки ҳафтоду ду

сол будааст, дар «Шоҳнома»-и чопи Душанбе дар шашсаду шасту чор байт омадааст,-таъкид кардааст муаллиф. Сухан дар бораи ҳамли батни яке аз занони Урмузд меравад. Хулоса чунин аст, ки ба қавли Фирдавсӣ, бо иҷтиҳоди мӯбад маълум мешавад, ки дар шабистони шоҳ канизаки нозанине ҳомиладор будааст ва мӯбад он ҳамлро «бача» ҳам мегӯяд. Воқеият ва лаҳзаҳои муҳимми хатти сюжети вобаста ба образи Шопури Зулактоф дар диссертатсия бо табақабандӣ ба эпизодҳо баррасӣ шудааст.

**Боби дуюм**и диссертатсия – «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳалаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Қубодон – Анӯшервон (солҳои 379-579)**» аз **шаш фасл** таркиб ёфтааст. **Фасли аввали ин боб** «**Сужаҳои вобаста ба Ардашери Некукор ва подшоҳони дигар то Баҳроми Гӯр**» унвон дорад. Ардашер писари Ҳурмуз (Некукор) дар «Шоҳнома» дар шонздаҳ байт ифода шудааст. Ин образ дар «Шоҳнома» то ҳадде сатҳӣ тасвир шуда, танҳо Фирдавсӣ ваҷҳи «Некукор» лақаб гирифтани Ардашери II-ро гуфтааст. **Фасли дуюми боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Баҳроми Гӯр**» ном дорад. Сужаҳои ин бахш ба шаш эпизод ҷудо шудааст, ки аз воқеаҳои талоши Баҳром барои ба даст овардани подшоҳӣ, подшоҳии Баҳром, тасвири чеҳраи Баҳром дар достонҳои хурд-хурд, тараддуди ба шоҳаншоҳӣ лашкар кашидани кишварҳои ҳамсоя, ба душманон шикаст овардани Баҳром, нома навиштани Баҳром ба бародараш – Нарсӣ ба маънии расонидани хабари ғолибият ва назари Баҳроми Гӯр дар бораи ин ё он масъала таркиб ёфтаанд. **Фасли сеюм**и **боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба Яздгирд писари Баҳроми Гӯр ва подшоҳони дигар то Қубоди Парвиз**» унвон дорад. Дар ин фасл диссертант қайд мекунад, ки дар «Шоҳнома» подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр, ки ба ҳисоби Фирдавсӣ ҳаждаҳ сол будааст, дар чопи интиқодии Душанбе ҳамагӣ дар бисту шаш байт омадааст. Ин бисту шаш байт танҳо як мавзуъ – андарз кардани шоҳаншоҳро бо бузургони қавм дар бар гирифтааст. **Фасли чоруми боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз**» номида шудааст. Сужаҳои вобаста ба образи Қубоди Парвиз аз он

ҷо оғоз мешавад, ки масъалаи иваз кардани подшоҳ ба миён гузошта мешавад. Ба ин тартиб, эпизоде ба хатти сужа ворид мешавад, ки ба бозгашти Қубод, фарзанди калонии Фирӯз бастагӣ дорад. **Фасли панҷуми боби дуюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба Анушервон ва шахсияти ӯ**» ном дорад. Сужетҳои дигари марут ба образи Хусрави Анӯшервон дар диссертатсия ба равиши дастабандӣ ба эпизодҳо баррасӣ шудаанд, ки муҳтавои асосии онҳо: баёни ислоҳоти андоз ва маъмурии Анӯшервон, сафарҳои дохилии Анӯшервон, талошҳои Анӯшервон барои ба итоат даровардани се қавм – алонон, балуҷон ва гелониён, воқеаи моҷарои Анӯшервон бо қайсари Рум, ошӯби Нӯшзод писари Анӯшервон ва амсоли инҳо баён меёбанд. **Фасли охирини боби дуюм**и диссертатсия ба баррасии **сужаҳои вобаста ба образи Бузургмеҳр** ихтисос дорад, ки дар хилоли сужаҳои марбут ба Анушервон тасвир шудаанд. Дар диссертатсия бахши дувуми пандномаи Анушервон, бо наҡлу баррасии намунаҳо, ҳамчун эпизоди ҷудогона баррасӣ гардидааст. Бинобар ин, бахши дигари подшоҳии Анӯшервони «Шоҳнома» боз бо панди Бузургмеҳр идома меёбад, ки дар дусаду бисту ҳафт байт омадааст.

**Боби сеюм**и диссертатсия – «**Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон аз подошоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579-654)**» – аз **панҷ фасл** таркиб ёфтааст. **Фасли якуми боби сеюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Ҳурмузди Анӯшервон**» унвон дорад. Ҳурмузди Анушервон бисту сеюмин подшоҳи Сосонӣ мебошад. Мулоҳизае дар доираҳои илмӣ вуҷуд дорад, ки модари Ҳурмузд гӯё духтари хоқони турк буда бошад. Аммо Шопури Шаҳбозӣ ба дурустии ин мулоҳиза шубҳа намудааст. Вале аз матни бахши подшоҳии Ҳурмузди «Шоҳнома» чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ дар се ҷой ба туркӣ будани тарафи модарии Ҳурмузд ишора ҳам кардааст. **Фасли дуюми боби сеюм**и диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба Баҳроми Чӯбина ва шахсияти достонии ӯ**» ном гирифтааст. Аз эпизоди шашум ба баъд сужаи асосии қиссаи Баҳроми Чӯбина нақл мешавад, ки дар диссертатсия бо таваҷҷуҳ ба воқеаҳои марбут ба сарнавишти сипаҳсолор Баҳроми Чӯбина, ба саҳна ворид шудани хоҳари

Баҳром – Гурдия, кӯшишҳои Баҳром ҷиҳати барқарор кардани муносибатҳо бо рақибону ҳарифон, кӯшишҳои Ҳурмузди IV барои раҳоӣ аз балоҳои расида ва ниҳояти рӯзгори Ҳурмузди IV таҳқиқ шудааст. **Фасли сеюми боби сеюми** диссертатсия «**Шахсияти Хусрави Парвиз ва лаҳзаҳои достонии ҳаёти ӯ**» унвон дорад. Нахустин эпизоди марбут ба шахсияти Хусрави Парвиз дар ҳама матнҳо бо андаке фарқ, ки хусусияти ҷавҳарӣ надорад, он чи бо Ҳурмузди IV гузашт, чун «ошӯби Бағдод» ба қалам дода шудааст. Эпизоди дигар ба мавзуи ба тахт нишастани Хусрав бахшида мешавад ва ба ҳукми анъана, хутбаи тоҷгузории ӯро низ фаро мегирад. Дар эпизоди дигар сухан дар бораи талоши Баҳроми Чӯбина барои ҳокимият меравад. **Фасли чоруми боби сеюми** диссертатсия «**Сужа ва образҳои марбут ба подшоҳон аз Қубоди Парвиз то Фаррухзод**» унвон дорад. Ба қавли таҳиягарони матни интқодии «Шоҳнома», подшоҳии Қубоди Парвиз ҳафт моҳ будааст. Ба тахт нишастани Ширӯяро аъёни давлат муборакбод менамоянд ва дуо ҳам мекунанд, ки ин тахт аз ту ба фарзанди ту ҳам мерос монад. Ширӯя ду нафарро ба назди падараш – Хусрав мефристад. Мефармояд, онҳо ба Хусрав расонанд, ки ӯ аз некуӣ рӯй гардонида буд, кишварҳоро душмани Эрон кард, номдорони далери подшоҳӣ тарки Ватан карданд. Дар эпизоди дигари ин фасл сухан аз муносибати Ширӯя бо Ширин ва фарҷоми рӯзгори шоҳаншоҳ меравад. **Фасли охирини боби сеюми** диссертатсия «**Сужаҳои вобаста ба образи Яздгирди Шаҳрёр ва фарҷоми шоҳаншоҳии Сосониён**» ном дорад. Диссертант дар ин фасл эпизодҳои марбут ба онро ба таври ҷудогона дар шаш эпизод таҳқиқ кардааст. Дар аксари эпизодҳо сужаҳо ё хатти сужаҳо бар пояи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши **«Хулоса»**-и диссертатсия дар 22 банд инъикос гардида, ҳамаи онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01

– Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони Сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати хуби илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки диссертант бо диди тозаи илмӣ ба мавзуи интихобшуда муносибат намуда, аз таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони адабиётшиноси хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши адабиёти классикии форсу тоҷик машғул буданд ва ё мебошанд, истифода бурдааст. Зикри муҳаққиқоне, ки аз таҷрибаи онҳо истифода ба амал омадааст, бо гузоштани арҷ дар фаслҳои гуногуни рисола ва, инчунин, дар китобнома оварда шудааст. Рисола дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асари бадеӣ навишта шудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ баъзе камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои такмилу таҳрир ва баландгардии сифати илмии минбаъдаи кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Агар диссертант дараҷаи таҳқиқи мавзуъро таҷдиди назар намуда, мукаммалтар мекард, сифати пажӯҳиш баландтар мегардид.

2. Унвони баъзе фаслҳои диссертатсия якранг ва аз назари масъалагузории илмӣ таҳрир ва тасҳеҳталаб мебошанд.

3. Ба андешаи мо, дар боби якуми диссертатсия агар фаслҳои 3 ("Сужаҳои вобаста ба образи Шопури Ардашер") ва 4 ("Сужаҳои вобаста ба образи Урмузди Шопур"), ки мантиқан идомаи сужаи ҳамдигаранд, дар якҷоягӣ-ҳамчун як фасл мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд, мувофиқтар мебуд.

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ. 19, 40, 62, 79, 95, 116, 137, 151, 214 ва ғ.) дида мешаванд.

5. Гоҳо дар диссертатсия услуби илмии таҳқиқот ба услуби публитсистӣ тамоил пайдо намудааст.

6. Қисман вожаҳои дар диссертатсия истифодашуда ба Қоидаи нави имлои забони тоҷикӣ мувофиқат намекунанд, ки ислоҳи онҳо ногузир мебошад.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

**Хулоса,** диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович бо аҳаммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи

1-уми  майи соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи № 10, аз 01.05.2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Давлатбеков Лоло Мирзоевич

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои Л. М. Давлатбеков, С. Хатлонӣ,
Н. С. Шамсов ва Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Суроғаи муассисаи пешбар:
734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

1-уми  майи соли 2025.